**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:**
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
__________ Сафарзода М.В.
«__» __________ 2025

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

**Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот**

Мубрамияти мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Сайдамадзода Ҳусноро аз таҳқиқи илмии ҷанбаҳои гуногуни ҷашну маросимҳо ҳамчун воситаи тарбиявӣ, махсусан дар заминаи ватандӯстӣ, ки муҳим арзёбӣ мегардад, иборат мебошад. Ҷашну маросимҳо на танҳо воқеаҳои фарҳангӣ, балки механизмҳои иҷтимоие мебошанд, ки тавассути онҳо арзишҳо, меъёрҳо ва анъанаҳои миллӣ аз насл ба насл интиқол дода мешаванд.

Ҳадафи асосии таҳқиқотро унвонҷӯ дуруст муайян карда аст, ки он таҳқиқ ва муайян намудани ҷанбаҳои таърихӣ-педагогӣ ва аҳамияти арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар муассаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки унвонҷӯй ба мақсади дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил шудааст.

Таҳлилу баррасии диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро аз он далолат мекунад, ки унвонҷӯ дар воқеъ аз уҳдаи коркарди илмии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобкардааш баромада, дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагонро таҳқиқ намудааст, вижагиҳо ва имконоти муассисаҳои таълимӣ дар робита ба тарбияи ватандӯстии хонандагонро ошкор намуда, асосноккунии назариявии меъёру нишондиҳандаҳои зарурӣ барои муайян намудани мавқеи ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагонро таъмин намудааст.

Дар диссертатсия вижагиҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 ошкор карда шуда, меъёру нишондиҳандаҳои муайянкунии дарҷаи ташаккули тарбияи ватандӯстии онҳо нишон дода шуда, ба таври муфассал шарҳу тафсил карда шудаанд, ки минбаъд ин меъёрҳо метавонанд барои донишгоҳҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омӯзгорон ҳамчун як дастурамали ташхиси воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар раванди таълим хизмат кунанд.

Аҳамияти илмии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар заминаи муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Косепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод шудааст.

Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок шудаанд.

Унвонҷӯ мақсади таҳқиқотро дар муайян ва коркарди илмии нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11ро дар асоси шароитҳои педагогӣ инъикос намуда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли масъалаи муҳим муайян намудани мафҳуми салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва аҳамияти онҳо дар раванди таълим, бо далелҳои дақиқ собит намудани воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон, муайян намудани нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар тарбияи ватадӯстии онандагон, ошкор ва асоснок намудани нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; ошкор намудани шароити иҷтимоию иқтисодӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва маънавии пайдоиш, ташаккул ва рушди нақши ҷашну маросими миллӣ ва таъсири он ба раванди тарбияи ватандӯстӣ-ахлоқии хонандагон; муайян ва таҳлил намудани мавқеи тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути ҷашну маросими миллӣ ва нақши онҳо дар инкишофи афкори педагогии халқи тоҷик; барасии роҳу воситаҳои татбиқи нақши ҷашну маросими миллии халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстии хонандагон; муайян намудани ақидаҳо, методҳо, воситаҳо ва усулҳои таъсирбахши тарбияи ватандӯстии хонандагон, ки дар ҷашну маросимҳо ва таълимоти педагогикаи мардумӣ инъикос ёфтаанд, ба риштаи таҳқиқ ва пажӯҳиш кашидааст. Унвонҷӯй дар ҳалли масъалаи мазкур ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш комёб шудааст.

Муҳимияти мавзуъ инчунин дар он зоҳир мегардад, ки аз нигоҳи педагогӣ, ҷашну маросимҳо имкониятҳои фарохро барои ташаккули ҳисси ифтихор аз Ватан, эҳтиром ба таърих ва фарҳанги миллӣ фароҳам меоранд. Дар раванди иштирок дар ҷашнҳо, хонандагон бо қаҳрамониҳои гузаштагон, дастовардҳои миллӣ ва рамзҳои давлатӣ ошно мешаванд, ки ин дар навбати худ, ба таҳкими ҳисси ватандӯстӣ мусоидат мекунад. Инчунин, он дар омода сохтани шахс барои қабули масъулиятҳои бештар, мустақилият дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи бозори меҳнат нақши муҳим мебозад. Аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ, аҳамияти ин таҳқиқот дар тавони он барои равшан сохтани таъсири ҷашну маросимҳо ба тарбияи ватандӯстӣ тавассути шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ва берунасинфӣ, аз қабили гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ, конфронсҳо, намоишгоҳҳо ва чорабиниҳои фарҳангӣ амалӣ карда мешавад. Ин чорабиниҳо имконият медиҳанд, ки хонандагон дар бораи таърихи ҷашнҳо, мазмуни рамзӣ ва аҳамияти онҳо маълумот гиранд, инчунин дар раванди омодагӣ ва гузаронидани онҳо фаъолона иштирок намоянд.

**Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо**

Дар рисолаи тақризшаванда барои ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия ҳалли масъалаву вазифаҳо гузошта шудаанд. Асосҳои консептуалӣ, методологӣ ва педагогии нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11таҳқиқ гардида, заминаҳои илмӣ – назариявӣ ва амалии тарбияи ватандӯстии хонандагон дар таҳқиқоти олимон муайян гардиданд.

Муаллиф фарзияи илмии таҳқиқотро воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ-назарӣ пешбинӣ карда чунин мешуморад, ки барои тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ, равонӣ, маънавӣ, шавқу ҳавас, роҳандозии барномаҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон бо роҳҳои инноватсионӣ дар мувофиқа бо стандарт зарур мебошанд.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ анҷомдодаи унвонҷӯй Сайдамадзода Ҳусноро аз он дарак медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

**Навгонӣ ва аҳамияти илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Навгонӣ ва бозёфти рисола ба он арзёбӣ мегардад, ки натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ ба дастомада бештар нуктаҳои илмӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаи назариявию амалии кори илмӣ, махсусан фарзияи илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла:

- ҳамаҷониба қонуниятҳои таърихию педагогии рушди фаъолияти ҷашну маросими миллӣ ҳамчун тарбияи ватандӯстӣ дар давраҳои гуногун ҳамчун раванди мураккаби динамикӣ аниқ карда шуд;

- маводҳои таърихӣ-педагогӣ ва бадеӣ-педагогӣ, этнографӣ, этнологӣ, ки ҷанбаҳои тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ ва ташаккули шахсияти хонандагонро фаро нагирифта буд ё ба қадри кофӣ омӯхта нашуда буд, мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

- аҳамияти таърихии инкишоф ва интиқоли ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон муайян карда шудааст;

- имконоти гуногуни истифодаи ҷашну маросими миллӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ дар низоми ягонаи таҳсилот ошкор карда шудаанд;

- вазъи истифодаи ҷашну маросими миллӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва баланд бардоштани маданияти педагогии омӯзгорон таҳлил карда шудааст;

- роҳҳои истифодаи оқилонаи унсурҳои миллӣ ва умумибашарии педагогикаи халқӣ бо назардошти хусусиятҳои миллии онҳо, падидаҳои нави иҷтимоию педагогии ҷомеа муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст:

- илман асоснок намудани тарбияи ватандӯстии хонандагон тибқи назарияи илмӣ-педагогӣ ва татбиқ намудани мероси чандинасраи халқи тоҷик дар шакли ҷашну маросимҳо;

- ошкор намудани нақши ҷашну маросими миллӣ дар назария ва амалияи тарбияи ватандӯстии хонандагон;

- ҳангоми инъикоси ҷашну маросими миллӣ, ба назар гирифтани рафтор, ҳиссиёт ва таасуроти хонандагон;

- ҳангоми баррасии усулу воситаҳои анъанавии тарбияи ватандӯстӣ ба назар гирифтани давраҳои гуногуни инкишофи шахсият, махсусан хусусиятҳои хонандагони синфҳои 9-11 муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- асоснок намудани моҳияти ҷашну маросимҳое, ки дар муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуд аст ва муайян намудани роҳҳои бартараф намудани камбудиҳо;

- инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи тарбияи ватандӯстӣ ва такмил додани амалияи таъсири байниҳамдигарии мактабу ҷомеа.

**Дараҷаи эътимотнокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ба манбаҳои таърихӣ-адабӣ ва илмӣ асос ёфтани хулосаҳо оид ба мақоми ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар асоси ба назар гирифтани осори мутафаккирони форсу тоҷик дар

низоми муосири тарбия, гузаронидани озмоишҳо оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, инчунин дар нашрияҳои илмӣ нашр шудани мақолаҳои илмӣ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтани натиҷаҳои пажуҳиш эътимотнокии таҳқиқоти мазкурро муқаррар мекунад.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажӯҳиш, ки ба ҳадаф, мавзуъ, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ солҳои 2023-2025 баргузор гардида, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд. Инчунин таҷрибаи дар кори таълиму тарбия андӯхташуда ба муаллифи таҳқиқот имкон доданд, ки барои марҳила ба марҳила татбиқ намудани нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон тавсияҳо таҳия ва пешниҳод созад.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои баённамудаи унвонҷӯй боэътимод ва аз нигоҳи илмӣ асоснок арзёбӣ мешаванд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлил намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикрронӣ қобили қайд ва эътироф аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз:**

- таҳлили амиқи маводҳои илмӣ, сарчашмаҳои илмӣ, баррасиву шарҳу тафсири маълумотҳои дарёфтшуда ва ба низом даровардани онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилгардида;

- муайянсозии нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар низоми муосири тарбия ва дар ин асос муайян кардани асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи ин арзишҳои миллӣ;

- муайян намудани мундариҷа ва хусусиятҳои методикаи татбиқи марҳилаҳои алоҳидаи истифодаи ҷашну маросими миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас;

- санҷиш ва таҳлили самаранокии методикаи таҳияшуда, интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуъ ва дар семинару конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва умумидонишгоҳӣ бо маъруза баромад кардан иборат мебошад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ бо сохтори муттаҳидшудаи диссертатсия, ки дар шакли унсурҳои бо ҳам алоқаманд иҷро шудаанд, тасдиқ гардида, дар соҳаи таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, таҳлилҳои оморӣ, математикӣ ва компютерӣ саҳми назаррас гузошта метавонанд.

**Боби якуми диссертатсия** «Ҳадафмандии ҷашну маросими халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстии хонандагон» ном дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли якум «Таҳлили назариявии ҷойгоҳи ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11»-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқи масъалаи мазкур муайян намудааст, ки ҳувияти миллӣ тавассути рамзу нишонаҳои миллӣ, такя кардан ба собиқаи таърихию фарҳангӣ зуҳур меёбад. Ҷашну маросими миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ падидаи иҷтимоӣ-педагогӣ ва фарҳангии мардум мебошанд, ки ҳанӯз дар замонҳои қадим ба вуҷуд омада, бо тағйири сохту мундариҷаи худ садсолаҳоро пасисар карда, то ба имрӯз расидаанд.

Ба андешаи муаллиф, чунин муносибат ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, махсусан ҷашну маросими миллӣ имкон медиҳад, ки нақш, мақсад ва вазифаи онҳоро дар ҳаёти инсон ва ҷомеа дарк намуда, дар кори тарбиявӣ дуруст истифода бурда шавад. Яъне бо назардошти анъана ва ҷашну маросимҳо, чи тавр ба одамон муносибат кардан, чи тавр одоби муоширатро риоя намудан, ҳамаи ин арзиши тарбиявии онро ташкил медиҳад.

**Дар фасли дуюм** «Таҳаввули моҳияти арзишҳои ахлоқию хештаншиносии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ» ном дошта, дар он ҷанбаҳои назариявии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар илми педагогика таҳқиқ карда шудааст.

Аз таҳлили маводи илмию амалии мавҷуда бармеояд, ки доир ба мазмун ва категорияҳои ҷашну маросими миллӣ, инчунин аҳамияти онҳо дар тарбияи ватандӯстию хештаншиносии насли наврас нуктаи назари ягона вуҷуд надорад.

Муҳаққиқ қайд мекунад, ки арзиш он чизест, ки инсонро нексиришт гардонида, аз ифлосӣ пок мекунад, ба роҳи рост ҳидоят карда, ба ақлу хирад даъват мекунад, ба зарурати омӯхтан ва андӯхтани дониш даъват мекунад, то ин ки дар оянда асарҳои бисёр хубу олии бадеӣ эҷод карда шаванд.

**Боби дуюми диссертатсия** «Зарурати мутобиқсозии ҷашну маросими халқи тоҷик дар низоми тарбия ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» ном дорад ва аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал ба масъалаи «Хусусиятҳои таснифоти анъана ва ҷашну маросимҳои халқи тоҷик дар тарбия ватандӯстии хонандагон» таваҷҷуҳ шуда, муаллиф фикру афкори ҷолибе баён намудааст.

Ба андешаи муаллиф, ки ҷашнҳои дунявӣ сарнавишти якхела доштанд. Дар замонҳои гуногун ва дар аҳди ҳокимони гуногун ҷашнҳои мазкур аз тарафи равияҳои динию мазҳабӣ ва идеологӣ таъқиб шуда, мамнуъ эълон мегардиданд. Вале ин ҷашнҳо дар хотири халқ нақш баста, дар ҳаёти рӯзмарраи онҳо амал мекард. Хоҳиши ҳаёти рангину зебо бахту саодат, ки дар мазмуну мундариҷаи ин ҷашнҳо маҳфуз буд, тамоман аз байн нарафт.

Дар замони муосир илми педагогика аллакай бартарияти анъана ва ҷашну маросими миллиро дар тарбияи ватандӯстӣ ва камолоти насли наврас собит сохтааст. Ин бартарият дар гуногунии алоқаи мутақобила, муттасилияти доираҳои арзишҳои миллӣ, ки дар ҷомеа идрок карда мешаванд, инъикос меёбад. Бинобар ин, волидайн бояд ҳамчун сардорони ячейкаи хурди ҷомеа дар ин самт собитқадам бошанд ва кӯшиш намоянд, ки бо фарзандони худ пайваста дар боби ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ суҳбату машваратҳо гузаронанд.

**Фасли дуюми боби дуюм** «Озмоиши технологияи педагогии амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросими миллӣ» ном дошта, муаллиф бо истифода аз озмоишҳо технологияи амалисозии ҷашну маросими миллиро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаллу фасл намудааст.

Бо мақсади татбиқи технологияи педагогии амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросими миллӣ дар

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон озмоиши таҷрибавӣ гузаронида шудааст.

Унвонҷӯ корро дар се давраи озмоишӣ, дар заминаи истифодаи усулҳои методӣ-илмӣ ва таҳлили сарчашмаҳо, аз ҷумлаи адабиёти илмӣ вобаста ба масъалаи тадқиқотӣ, пурсиш (ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ), санҷиш, суҳбат, таҳлили маводи таълимӣ-методӣ, мушоҳидаи педагогӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти амалӣ, коркарди математикии натиҷаҳои таҳқиқот гузаронида, ба сифати арзёбии меъёрҳои дониши хонандагон ҳамон арзишҳоеро интихоб намудааст, ки дар бунёд, таъмин ва пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ нақши калидӣ доштанд.

Дар боби мазкур ва умуман дар рисола аҳамияти ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон дар раванди таълим ҳамчун яке аз вазифаҳои калидии таҳсилоти муосир тасдиқ карда шудааст. Мақсади гузошташуда асосноккунӣ ва таҳияи шароит ва усулҳои педагогӣ, ки ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон мусоидат мекунанд, ба даст оварда шудааст.

Ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки кори таҳқиқоти диссертатсионӣ самаранокии худро собит сохтааст ва дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, бозгӯйи онанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои бадастомадаро дар амал барои ташаккули тарбияи ватадӯстии хонандагон мусоидат хоҳанд кард.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ба манбаҳои таърихӣ-адабӣ ва илмӣ асос ёфтани хулосаҳо оид ба мақоми ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар асоси ба назар гирифтани осори мутафаккирони форсу тоҷик дар низоми муосири тарбия, гузаронидани озмоишҳо оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, инчунин дар нашрияҳои илмӣ нашр шудани мақолаҳои илмӣ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтани натиҷаҳои пажуҳиш эътимотнокии таҳқиқоти мазкурро муқаррар мекунад.

Автореферати диссертатсия ҷавобгӯи талабот буда, пурра ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастоварда медиҳад.

Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.**

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ мебоист санадҳои меъёриву ҳуқуқиро оид ба ҷашну маросимҳои миллӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон ба таври васеъ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагонро бо дарназардошти талаботи санадҳои меъёриву ҳуқуқии амалкунанда мавриди таҳқиқ қарор медод.

2. Унвонҷӯ дар кори илмию таҳқиқотии хеш олимони кишварро номбар кардааст, вале иқтибос аз таҳқиқоти олимону муҳаққиқони ватанӣ, ки ба мавзуи таҳқиқотӣ бахшида шудаанд, камтар оварда шудааст. Махсусан, таҳлили таҳқиқоти олимону муҳаққиқон дар самти ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

3. Муаллифи рисолаи илмӣ аҳамияти амалии диссертатсия ва тавсияҳоро барои муассисаҳои таълимӣ шарҳу тафсир додааст, вале бо мисолҳои мушаххас нишон дода нашудааст, ки дар амалияи таълим чӣ гуна онҳо татбиқ карда мешаванд.

4. Дар матни диссертатсия баъзан хатоҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ба ягон ваҷҳ халалдор намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Сайдамадзода Ҳусноро дар мавзуи «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сайдамадзода Ҳусноро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили

фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Сайдамадзода Ҳусноро иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 12 нафар устодону омӯгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 27-уми августи соли 2025, №01).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ — Расулова Нодира Сайдаламовна

27.08.2025

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16; Тел: (83322) 2 35 06; E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

Имзои Назаров Ҳ.С., Лоиқов П.Ҷ., Расулова Н.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ — Давлатов М.А.